# Нақши ҷавонон дар рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои аз лиҳози шумораи аҳолӣ ҷавонтарин ба ҳисоб рафта, аксарияти аҳолии моро ҷавонон ташкил медиҳад, ки он қувваи созанда ва дорои неруи бузурги пешбарандаи кишвар мебошад.

Президенти кишвар дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар аз 23 декабри соли 2022 чунин қайд намуданд: "Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст."

Ҳамзамон, дар раванди таҳким ва рушди сиёсати давлатии ҷавонон қабули як қатор санадҳои меъёриии ҳуқуқӣ, аз қабили қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон", қабули як қатор барномаҳои соҳавии давлатӣ аз ҷумла «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026», «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027», ташкил ва баргузории мулоқотҳои пайвастаи Пешвои миллат бо ҷавонони кишвар, ба роҳ мондани як қатор ҳавасмандиҳо ба монанди грантҳои президентӣ, таҷлили ҳамасолаи Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон, зиёд намудани шумораи кадрҳои ҷавони лаёқатманди роҳбарикунанда, эълони соли 2017 ҳамчун "Соли ҷавонон" дастовардҳои муҳим ва махсус ба ҳисоб мераванд.

Феълан, татбиқи сиёсати давлатии гузариш ба роҳи инноватсионии рушди иқтисодиёт ва ташаккули системаи миллии инноватсионӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Маҳз ҷавонони соҳибкори ташаббускор дар татбиқи сиёсати мазкур ва ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ нақши муассир доранд.

Рушд ва ташаккули иқтисодиёти тамоми ҷомеаҳо ва давлатҳо, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои кории доимӣ, беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии сокинон, ҷалби сармояи дохилию берунӣ аз фазои соҳибкорӣ, бахусус соҳибкории истеҳсолию инноватсионӣ вобастагии калон дорад. Нақши бахши хусусӣ тавассути фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ ҳамчун омили калидӣ ва муҳтарини пешравӣ ва тараққиёти мамлакат хеле муҳим аст. Бо дарки муҳимияти масъалаи мазкур ва бо мақсади дастгирии ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкорону сармоягузорони ватанӣ, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам ислоҳоти зарурӣ амалӣ мегардад. Сарвари кишварамон аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ нисбат ба ҷавонон ҳамчун насли ояндасозу нерӯи пешбарандаи давлату ҷомеа ва сиёсати давлатии ҷавонон, таъмин ва фароҳам овардани шароити мусоиди худрушднамоию худтакмилдиҳӣ ва мақоми ҷавонон дар ҷомеа, бо дарназардошти талаботи замони муосир, пешравии илму техника, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, амнияти давлат ва дигар самтҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд.

Бо мақсади паст намудани сатҳи бекорӣ миёни ҷавонон ва ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани онҳо тарғибу ташвиқи фаъолияти соҳибкорӣ миёни онҳо хеле муҳим аст.

Дар ин тобита таҳияи самтҳои асосии ташаккули фазои мусоиди соҳибкорӣ барои ҷавонон, бахусус дар минтақаҳои Тоҷикистон, баҳодиҳии ҳамаҷониба ва бо назардошти омилҳои таркибии он таҳияи пешниҳодҳо ва чораҳои муносиби рушди соҳибкории ҷавонон арзёбии таҷрибаи кишварҳои дуру наздик ва муайян намудани нақши ҷавонони соҳибкор дар рушду тараққиёти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ зарур аст.

Дар ҷаласаи XXII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, аз 16 марти соли 2022 таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои

машваратӣ мавзӯи соҳибкории ҷавонон мавриди баррасӣ қарор дода шуда, супориш дода шуд, ки самти мазкур мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шуда, натиҷаҳои он ба ҷаласаҳои оянддаи Шӯро пешниҳод карда шавад.

Мақсади асосии таҳияи таҳлил ин пеш аз ҳама арзёбии самти қонунугузорию иқтисодии имкониятҳои ҷавонон ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, муайян кардани монеаҳои асосии рушд ва ташаккули соҳибкории ҷавонон, таҳияи таклифу пешниҳодҳои мушаххаси рушди соҳибкории ҷавонон бо дарназардошти таҷрибаи беҳтарини минтақавию байналмилалӣ, аз ҷумла арзёбии дастрасии ҷавонон ба захираҳои молиявӣ, махзани иттилоот, хизматрасониҳои бонкӣ ва дигар ҷанбаҳои муҳим мебошад.

Дар давраи навин,  махсусан баъд аз паҳн гардидани пандемияи КОВИД 19 ташаккули хизматрасониҳои рақамӣ тавассути ҷалби ҷавонон бо мақсади рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ва дар ин замина фароҳам овардани шароити мусоиди пешбурди соҳибкорӣ, ҳамзамон рушди бахши хусусӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои созандаву стратегии Ҳукумат муҳим арзёбӣ мегардад. Қувваи созанда ва пешбаранда, яъне ҷавонон бештари аҳолии Тоҷикистонро ташкил намуда, таваҷҷӯҳи хосаро ҷиҳати дастгирӣ ва ҷалби онҳоро барои ташкил, ташаккул ва рушди соҳаи соҳибкорӣ талаб менамояд.

Имрӯзҳо, бо мақсади васеъ фаро гирифтани соҳибкорони хурду миёна ва навтаъсису ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ, муассиса ва шуъбаҳову бахшҳои он дар в.Хатлон, в.Суғд, ВМКБ, ш.Кулоб ва НТҶ ҷойгир карда шуда, фаъолият менамоянд.

Ҳамзамон, дар баробари пешравиҳо ва дастовардҳо, як қатор мушкилиҳо низ ҷой доранд. Солҳои охир аз ҷониби ҷавонон амалҳои шомил шудан ба ҳар гуна гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ ва содири як қатор амалҳои номатлуб, ки боиси дар хатар гузоштаниояндаи миллат мегардад, мушоҳида мешавад. Ҳамзамон, тибқи маълумотҳо ва таҳлилҳои гузаронидашуда сатҳи содиршавии ҷиноятҳои гуногун аз ҷониби ҷавонон зиёд гардидааст.

Чунин як гурӯҳи иҷтимоӣ чун ҷавонон унсур ва неруи муҳим дар соҳаи соҳибкорӣ ба шумор меравaнд. Маҳз ҷавонон ва соҳибкорони ҷавон пас аз 10-15 сол симои давлатро муқаррар мекунанд. Қайд кардан зарур аст, ки сатҳ ва суръати рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва тараққиёти ҷомеа ва кишварамон аз рушди соҳибкории ҷавонон вобастагии калон дорад.

Аз ин лиҳоз, рушди соҳибкорӣ ва ё ҷалби ҷавонон ба фаъолияти соҳибкорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Фароҳам овардани фазои мусоид, ки ҷавононро ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳавасманд кунад, бояд дар доираи таҳияи барномаву ҳуҷҷатҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор дода шавад.

Новобаста аз фаъолияти бахшҳои бизнес инкубаторҳои Тоҷикистон дар тамоми вилоятҳои ҷумҳурӣ, ки дар марказҳои мазкур ҷавонон имконият доранд дониш ва малакаҳои зарурии соҳибкориро ба даст оранд, ҳанӯз ҳам мубодилаи иттилоот, таҳияи ғояҳои инноватсионӣ ва машварати коршиносони соҳа ба қадри кофӣ рушд накардааст.

Соҳибкорони ҷавони тоҷик имрӯзҳо ба дастгирии молиявӣ, иттилоотӣ ва машваратӣ ниёз доранд. Аммо мавҷуд набудани стратегияи рушди босуботи самт ва дастгирии ҳамаҷониба, ки тараққиёти самти мазкурро таъмин кунад, мушкилиҳои зиёдро ба миён меорад.

Мушоҳидаҳо ва таҳлилҳо нишон доданд, ки дар самти пешбурди фаъолияти соҳибкории ҷавонон як қатор мушкилиҳо вуҷуд дорад.




Ҳангоми пурсиш аксари соҳибкорони ҷавон мушкилиҳоро вобаста ба мавҷудияти фоизи баланди бонкҳои тиҷоратӣ, шумораи зиёди ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои бақайдгирӣ, талаботи зиёд дар раванди гирифтани қарз, набудани имтиёзҳои махсус барои соҳибкорони ҷавон ва дигар мушкилиҳо қайд намуданд.

Натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда муайян намуд, ки вазъи кунунии имкониятҳо барои ҷавонон, вазъи бозори меҳнат, сатҳи бекорӣ миёни ҷавонон, шумораи ҷавонони бекасбу беихтисос, таҷрибаи байналмилалӣ, мушкилиҳои соҳибкорони ҷавони кишвар мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, дар ин замина бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ташаккули соҳибкорӣ миёни ҷавонон як қатор пешниҳодҳо таҳия карда шуд. Аз ҷумла:

1. Ислоҳоти дар самти такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ вобаста ба соҳибкории ҷавонон
2. Пешниҳодҳои имтиёзҳои андоз ва қарз барои як муҳлати муайян барои соҳибкорони ҷавон, бахусус дастгирии самти инноватсия
3. Тарғибу ташвиқи фаъолияти соҳибкорӣ миёни ҷавонон

4. Такмили малакаҳои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ҳам дар марказ ва дар маҳалҳо
5. Роҳандозии таълими соҳибкорӣ дар муассисаҳои таълимӣ
6. Ҳавасмандагардонии насли ҷавон барои оғози фаъолияти соҳибкорӣ
7. Кам кардани мушкилоти маъмурӣ ва меъёрию ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории ҷавонон
8. Таъсиси марказҳо, клубҳо, ассотсиатсияҳо барои соҳибкорони ҷавон
9. Ташкил ва баргузории фестивалҳо ва конфронсҳо дар минтақаҳо

Дар сурати ба танзим даровардани самти мазкур ва ҳаллу фасли мушкилиҳои ҷойдошта ва ба ин васила рушди инфрасохтори соҳибкории ҷавонон ба натиҷаҳои зерин ноил шудан мумкин аст:

- Зиёд шудани шумораи соҳибкорони ҷавон
- Рушди соҳибкории хурду миёна дар кишвар ва соҳибкории инноватсионӣ
- Рушд ва ташаккули иқтидорӣ зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Паҳн гардидани идеологияи соҳибкорӣ миёни ҷавонон, алалхусус тавассути нишон додани намунаи муваффақ
- Паст гардидани суръати бекорӣ ва муҳоҷират миёни ҷавонон
- Зиёд гардидани шумораи ҷойҳои корӣ аз ҳисоби рушди соҳибкории хурду миёна

Котиботи Шӯрои машваратии назди Прездиенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ